**Суратмаҷлиси № 13**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036**
**назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

аз 10 июни соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои
Шурои диссертатсионӣ
10 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна, ки дар мавзуи "Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

(роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор, Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**Шунида шуд:**

Ахбори раисикунандаи Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Иматова Манижа Қудратовна,** ба Шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, н.и.ф. Ҳасанова Шаъло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Иматова Манижа** ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ , ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна, ки дар мавзуи "Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
- **Каримов Шуҳрат Бозорович** - доктори илми филология, профессор, раиси комиссияи экспертӣ;
-**Матробиён Саодатшо Қосимзода** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент , аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;
**Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна**- номзади илмҳои филологӣ, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;
**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
Доктори илми филология, профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент Ҳасанова Ш.Р.